«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«_26_» ___09___ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Анҷум Маҳмуд Аҳмад** соли 2015 зинаи бакалавр, соли 2017 зинаи магистратураи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналисти байналхалқӣ хатм карда, аз соли 2017 то соли 2020 ба ҳайси докторанти PhD-и кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Ҳамзамон, солҳои 2021-2024 ба сифати муҳаққиқ-коромӯз дар кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ба фаъолияти илмию таҳқиқӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии Анҷум Маҳмуд Аҳмад номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулов Сангин Нурович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2017, қарори №6 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Анҷум Маҳмуд Аҳмад 20-уми январи соли 2024, таҳти №99 дар бораи супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷойгоҳи Ширкати радио ва телевизионии «Мавҷи Олмон» дар фазои иттилоотии Осиёси Марказӣ

бахшида шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии аксар кишварҳо амал карда, дар ташаккул ва идораи афкори омма таъсири амиқ мегузоранд. Аз ин рӯ омӯзиши ин қабил расонаҳо аз лиҳози илмӣ аҳамиятнок буда, мушаххас нишон додани самту василаҳои фаъолияти онҳо барои соҳоти дахлдори кишварҳои алоҳида муфид мебошад.

Таърихи начандони дури ҷомеаи башарӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои абарқудрат ба воситаи расонаҳои хабарӣ чӣ сон ҳадафҳои геополитикии худро дар гӯшаҳои мухталифи олам амалӣ месозанд. Афзоиши сатҳи маблағгузорӣ ва васеътар шудани доманаи фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза ин нақши ВАО тавсеаи бештар ёфтааст. Ба хусус, дар шароити имрӯзаи муборизаҳои иттилоотӣ ВАО ҳамчун василаи муҳимму таъсиргузор  истифода мешаванд.

Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» яке аз чунин расонаҳои байналмилалие ба шумор меравад, ки дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон фаъолият намуда, дар минтақа эътибори хоса пайдо намудааст. Аз ҳамин ҷиҳат метавон гуфт, ки таҳқиқи самту равияҳо ва тартиби фаъолияти ин расонаи бонуфузи байналмилалӣ аз аҳаммият холӣ нест.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, маводди диссертатсия бо барнома ва мавзуъҳои ба таҳқиқоти илмӣ алоқаманд пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили воситаву барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Пажуҳиши ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун расонаи байналмилалӣ бо назардошти мушаххасоти шакли пешниҳоди матлаб, мавқеъгириҳои сиёсиву идеологӣ, гуногунрангии мавзуӣ ва фарогирии соҳоти мухталифи иҷтимоӣ дар фазои илмии журналистикаи тоҷик мавзуи комилан нав мебошад.

Муаллифи диссертатсия мушаххас нишон додани пайдоиш ва марҳилаҳои рушди шабакаи радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», ҳадафи тавсеа додани доманаи фарогирии фазои иттилоотӣ дар минтақаҳои гуногун ва мушаххас

намудани ҷузъиёти таъсиргузори барномаҳои он ба омма дар минтақаи Осиёи Марказиро **мақсади таҳқиқ** арзёбӣ намудааст.

Бо дарназардошти моҳият ва ҷанбаъҳои назариву амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ **вазифаҳои** зеринро гузоштааст:

а) омилҳои пайдоиши расонаҳои байналмилалиро мавриди баррасӣ қарор диҳад;

б) ба заминаҳои зуҳури расонаҳои байналмилалӣ равшанӣ андозад;

в) нақши расонаҳои байналмилалиро дар фазои иттилоотии кишварҳои дигар мавриди баҳсу баррасӣ қарор диҳад;

г) махсусиятҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»-ро муайян намояд;

ғ) таъсири барномаҳои ин навъи расонаҳо ба мафкураи ҷомеаҳои кишварҳои дигарро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад;

д) таснифоти жанрии барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»-ро ба вуҷуд биорад.

Муаллифи диссертатсия ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** аз таҷрибаи рисоланависони дигар, ки ба пажуҳиши матолиби расонаҳои байналмилалӣ пардохтаанд, истифода намуда, ҳамчунин матолиби дар матбуоти даврӣ дар ин мавзуъҳо нашршударо ба ҳайси сарчашма ба кор бурдааст. Аз барномаҳои расонаҳои дигари сатҳи ҷаҳонӣ низ, ки бо мавзуи диссертатсия алоқамандӣ доранд ва онҳо аз ҷониби муҳаққиқон зикр шудаанд, ба ҳайси сарчашмаҳои таҳқиқ истифода шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва метологии** диссертатсияро асарҳои илмию назариявии А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. (Ҷовид) Муқимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, С. Хоҷазод, С. Гулов, С. Мирзоалӣ, З. Эшматов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили анъанавию контентӣ ва мантиқӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки таъсири барномаҳо ва шакли барномасозии ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ба ҳайси як расонаи байналмилалӣ, ки дар фазои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон фаъол мебошад, бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Пажуҳиш дар хусуси чанд расонаи дигари байналмилалӣ дар Тоҷикистон анҷом шудааст, ки дар ин диссертатсия ҳам ба онҳо ба таври муқоиса ишора гардидааст, аммо муҳтавои ин таҳқиқро асосан таҳлилу баррасии барномаҳои ширкати радиоӣ ва телевизионии мазкур фаро мегирад.

Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки барҷастагии кори таблиғотӣ дар ин расонаи байналмилалӣ ва омилҳои муваффақияти он нишон дода шудааст, ки истифодаи ин таҷриба барои шабакаҳои радиоӣ ва телевизионии миллии мо метавонанд муфид бошад. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди илми журналистика дар Тоҷикистон низ аз аҳаммият холӣ нест.

Натиҷаҳои таҳқикро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷӯёни риштаи суханшиносӣ, факултети журналистика ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ метавонанд васеъ истифода намоянд. Ин диссертатсия паҳлуҳои таҳқиқногардидаи журналистикаи байналхалқиро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

Диссертатсия бо манзури сохтор аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Доир ба мавзуи диссертатсия **8 мақола**, аз ҷумла **3 мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **5 мақола** дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ ба нашр расидааст.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Анҷум, М. Таъсис ва ташаккули шабакаи «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 282-285.

[2-М]. Анҷум, М. Мавзуъ ва мундариҷаи барномаҳои «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 327-330.

[3-М]. Гулов, С.Н., Анҷум, М. Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон» [Матн] / С. Н. Гулов, М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 247-253.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Анҷум, М. Назаре ба барномаҳои «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – Х (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Душанбе, 2019. – №10. – С. 173-175.

[5-М]. Анҷум, М. Махсусияти барномаҳои телевизиони “Мавҷи Олмон” [Матн] / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Душанбе, 2019. – №11. – С. 59-61.

[6-М]. Anjum, M.A. Rewiew of European Media and Central Asia // Proceedings of the 8-th International Scientific and Practaical Conference, Scientific Research in XX1 Century (Ottawa, 06-08.03.2021) (Баррасии расонаҳои аврупоӣ ва Осиёи Марказӣ // Маҷмуаи конфронси 8-уми байналмилалии илмӣ ва амалии «Тадқиқоти илмӣ дар асри XX1» (Оттава, 06-08.03.2021)) [Text] / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – № 44. – C. 332-335.

[7-М]. Anjum, M.A. Features of DW tv programs // Proceedings of the 3rdInternational Scientific and Practical Conference, Scientific Community: Interdisciplinary Research (Hamburg, 16-18.03.2021) (Хусусиятҳои барномаҳои “Мавҷи Олмон” // Маҷмуаи конфронси 3-юми байналмилалии илмӣ ва амалии «Тадқиқоти байнисоҳавӣ» (Ҳамбург, 16-18.03.2021)) [Text] / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – № 45. – C. 190-194.

[8-М]. Anjum, M.A., Gulov, S. Activity of International Media in Tajikistan // Proceedings of the 7th International Scientific and Practical Conference, Scientific Trends and Trends in the Context of Globalization (Umea, 19-20.04.2024) (Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон // Маводи конфронси 7-уми байналмилалии илмӣ ва амалии «Равияҳои илмӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Умеа, 19-20.04.2024)) [Text] / M.A. Anjum, S. Gulov // Scientific Collection «INTERCONF», 2024. – № 44. – C. 231-241.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда тасаввурот ва донишҳои назариро дар дарку фаҳмиши усулҳои нави журналистикаи байналхалқӣ ва фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти ин соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ мушаххас гардида, ҷанбаҳои муҳимми он дар робита ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян мегардад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масъалаҳои фарогири журналистикаи муосир мушаххас намуда, як паҳлуи муҳимми илми рӯзноманигориро собит менамояд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва

телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 8 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 2 аз 23.09.2025.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Самадова М.Т.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Зоириён Б. Ш.

Имзоҳои Самадова М. Т. ва Зоириён Б. Ш.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj